**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
Гулназарзода Ҷило Бурӣ ______________
«22» ноябри соли 2021

**Хулосаи**

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (дар асоси таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Парвоева Н.З. соли 2012 факултети забонҳои романию германии Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро хатм намуда, дорандаи дипломи дараҷаи бакалаврӣ аз рӯйи ихтисоси «забоншинос, муаллими забони англисӣ» гардидааст.

Соли 2015 зинаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзодаро хатм намуда, соҳиби дипломи аълочии дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси “муаллими забони англисӣ” гардид. Аз соли 2015 то соли 2018 мавсуф дар зинаи докторантура (PhD)- аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ дар ДДЗТ ба номи С.Улуғзода таҳсил карда, зинаи мазкурро бомуваффақият хатм намуд.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои ҷамбастии докторантура аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ соли 2018 аз ҷониби Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Матробиён Саодатшо – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мушовири илмӣ:** Мамадназаров Абдусалом – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шурои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 31 марти соли 2016, таҳти № 8/4-1 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карда шуд:

Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна ба омӯзиши яке аз масъалаҳои актуалии забоншиносии муосир – муқоисаи зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ ва англисӣ бахшида шудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Зарбулмасал ва мақол, ки унсури муҳимми забон ва маданияти миллӣ маҳсуб меёбанд, қоидаҳои пойдор, таҷрибаи ғании мардум, урфу одатҳои такрорнашаванда, фасоҳати зиндагӣ ва шароити маишии ҳар як халқро дар худ таҷассум менамоянд. Аз ин лиҳоз, зарурати омӯзиш ва таҳқиқи хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои тоҷикони вахонизабон дар муқоиса бо забони англисӣ дар ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ муҳиммияти таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

Бояд тазаккур дод, ки зарбулмасалу мақолҳо нишондиҳандаи муҳимми тафаккури мардумӣ буда, бо хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ робита доранд. Онҳо бо хосияти зеҳният, урфу одат, оин, зисту зиндагӣ ва сирати миллӣ вобастаанд. Забон як манзараи хоси ҷаҳонро инъикос намуда, ба шуур ва зеҳнияти дорандаи ӯ мутобиқат мекунад. Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқон, забон ба зеҳну тафаккури соҳибони худ таъсир расонида, маданияту фарҳангро меомӯзад, ки дар он ҷиҳатҳои хулқи миллӣ ва хусусияти нигориши ҷаҳон инъикос ёфтааст.

Оид ба зарбулмасал ва мақолҳои вахонӣ то ҳол таҳқиқоти мукаммале ба анҷом нарасидааст, ба истиснои баъзе ишораҳои иҷмолӣ, хусусан дар соҳаи забоншиносӣ, анҷом пазируфтааст. Забоншиносон дар таҳқиқи мавзуъҳои забони вахонӣ барои тасдиқи афкори худ зарбулмасалу мақолҳоро ҳамчун далел гоҳе истифода бурдаанду халос. Аз ин рӯ, аксарияти масъалаҳои асосии омӯзиши забонии зарбулмасалу мақолҳо ба пажӯҳиши амиқе ниёз доранд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи муқоисаи хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо забони англисӣ аз назари забоншиносии фарҳангӣ ва забоншиносии қавмӣ то имрӯз ба таври бояду шояд мавриди омӯзиши забоншиносон қарор нагирифтааст. Ҳарчанд дар масъалаҳои фонетика, вожашиносӣ ва грамматикаи забони вахонӣ аз ҷониби забоншиносони ватаниву хориҷӣ И.И.Зарубин [1927], Г.Моргенстерне [1932], С.И.Климчитский [1938], В.С.Соколова [1962], Л.Р.Лоример [1958], Т.Н.Пахалина [1975], А.Л.Грюнберг [1976], И.М.Стеблин-Каменский [1976], И.М.Стеблин-Каменский [1981; 1999], Б.Б.Лашкарбеков [1982], А.Саидмамадов [1983], А.Мирбобоев [1991], С.Қ.Матробиён [2005], Я.Обртелова [2017], Ш.Ғуломалиев [2020] ва дигарон таҳқиқоти илмӣ анҷом ёфтааст, аммо ба таври муқоиса бо забонҳои гуногуннизом то ҳол кори илмии мукаммале рӯйи кор наомадааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, ин пажӯҳиши махсуси муқосавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои низомашон гуногуни мутааллиқ ба як оилаи забонҳо – забони вахонӣ ва забони англисӣ аст. Дар диссертатсия аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) ва

забоншиносии қавмӣ (этнолингвистӣ) умумият ва фарқияти зарбулмасалу мақолҳои ду мардуми аз назари ҳудудӣ аз ҳам дур, ки забонашон мансуби як ҳавзаи ҷуғрофӣ нест, яъне вахонизабонон ва анлисзабонон муайян мегардад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Хусусиятҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ аз нуқтаи назари забоншиносии фарҳангӣ (лингвокултурологӣ) ва қавмӣ (этнолингвистӣ) бори нахуст дар шакли диссертатсия ба таври мукаммал таҳиқ карда шуд.

Диссертатсия аз муқаддима се боб, 8 зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар боби якуми рисола «**Асосҳои назариявии таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар илми забоншиносӣ**» муаллиф ҳолатҳои назариявӣ ва методологиро баён намудааст. Дар боби мазкур доир ба категорияҳои асосии забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ: тибқи тафсилоти фарҳангшиносӣ арзишҳо, маҷмуи ғояҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, ҳуқуқ ва ғ. дар ҳаёти одамон, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ, миллат, эътиқодоти динӣ, маълумот, синну сол, ҷинс ва амсоли инҳо аҳамияти афзалиятнок доранд. Боби мазкур аз 5 зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум «Зарбулмасалу мақолҳо мавзуи асосии таҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ» паремиология, забоншиносии фарҳангӣ ва қавмӣ шарҳ дода шуда, фикру ақидаҳои забонишиносон оид ба шарҳи истилоҳи мазкур нишон дода шудааст.

Дар зербоби дуюм «Фарқияти зарбулмасал аз мақол аз назари забоншиносон ва фолклоршиносон» нишон дода шудааст. Зербоби сеюм «Қолабҳои сохторию маъноии зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносӣ» номгузорӣ шуда, дар он зарбулмасалу мақолҳо барои хуб фаҳмидани хислатҳои миллии забонашон гуногун, шавқу рағбат, муносибат ба вазъиятҳои гуногуни зиндагӣ ва анъанаҳои онҳо кумак мерасонанд. Маҳорати дуруст ба кор бурдани зарбулмасалҳо на танҳо ҳангоми муошират бо соҳибзабонон, балки ҳангоми тарҷумаи матнҳои бадеӣ низ муҳим маҳсуб мешаванд.

Дар зербоби чорум «Таҳқиқоти муқоисавии зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои гуногуннизом» муаллиф мухтассаран доир ба ҳамаи он таҳқиқотҳое, ки аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик таҳқиқ шудаанд, маълумот додааст. Инчунин, зербоби мазкур аз як фасл таҳти унвони «Таърихи таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо дар забоншиносии тоҷик» иборат аст. Зербоби панҷум бо номи «Зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун сарчашмаи маълумот доир ба фаҳмишу дарки ҷаҳони халқҳои забонашон бехат» пешниҳод шудааст, ки дар он мушоҳидаи воҳидҳои мушаххаси захираи зарбулмасалу мақолҳои забонҳои бехат мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Дар байни онҳо ҳам воҳидҳои аз лиҳози маъно ва таркиб бо ҳам баробар ва ҳам воҳидҳое, ки махсусиятҳои миллиро фаро гирифтаанд, мавҷуданд.

Боби дуюми рисола **«Вижагиҳои маъноии зарбулмасалу мақолаҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ»** мебошад. Дар зарбулмасал ва мақолҳои ҳар ду забони муқоисашаванда сохтори ҳамаи навъҳои онҳо

вомехӯранд, ки ба забонҳои мавриди муқоиса таҳқиқшуда хосанд. Маълум гардид, ки миқдори зиёди онҳо бо рӯзгори мардум зич алоқаманду онҳо муҳити иқомат ва вижагиҳои фарҳангию иҷтимоии халқро тасвир менамоянд ва дар забон бо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифодаи худро меёбанд.

Дар боби 3-юми рисола «**Вижагиҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ**» таҳқиқ гардидааст, ки онҳо дар нигаҳдории фарҳанги маънавӣ ва зеҳнии мардумон нақши муассир мебозанд.

Боби мазкур аз 2 зербоб иборат буда, зербоби якум аз ҳашт фасл ва зербоби дуюм аз ҳафт фасл иборат аст. Дар бобҳои мазкур вижагиҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ ва соматикӣ дар муқоиса бо забони англисӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Дар зербоби аввал хусусиятҳои маъноии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои муқоисашаванда бо воҳидҳои зоонимӣ баррасӣ гардида, ҳамзамон таркиби ибораҳои зарбулмасалу мақолҳое, ки ҷузъҳои ҳайвонот дар худ доранд, муайян гардиданд. Таҳлили зербанди мазкур нишон дод, ки инсон ва ҳайвон, ки ҳар ду ҷузъи асосии табиат мебошанд, бо ҳам пайвастагии зич доранд. Инсон ҳатто бо забоне, ки дар ҷомеаи худ гуфтугӯ мекунад, бо ҳамон забон бо ҳайвонҳо гуфтугӯ мекунад.

Дар зербоби дигари боби мазкур хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳо дар асоси соматизмҳо дар забонҳои вахонӣ ва англиси мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ ҷузъҳои соматикии сар, даст, дил, бинӣ, чашм, даҳон ва забон мавриди истифода қарор дода шуданд ва маълум гардид, ки дар тасвири ҳар ду соҳибзабонон ҷузъҳои мазкури соматикӣ вобаста ба вазифа ва амалкард дар зарбулмасалу мақолҳо ба кор бурда мешаванд ва ба онҳо тобишҳои гуногуни маъноӣ мебахшанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 11 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадааст.

**А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:**

**[1-М].** Парвоева, Н.З. Муқоисаи маъноии воҳидҳои фразеологии зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ ва англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018, № 3. – С. 115-118.

**[2-М].** Парвоева, Н.З. Робитаи маъноии зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои вахонӣ ва англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018, № 4. – С. 42-45.

**[3-М].** Парвоева, Н.З. Инъикоси муносибати инсон ба меҳнат дар зарбулмасалу мақолҳои вахонӣ (дар муқоиса бо забони англисӣ) [Матн] / Н. З. Парвоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019 № 1. – С. 155- 159.

**[4-М].** Матробиён, С.Қ., **Парвоева, Н.З.** Муқоисаи хусусиятҳои этнолингвистии зарбулмасалу мақолҳои забонҳои вахонӣ ва англисӣ (дар мисоли соматизмҳо) [Матн] / С.Қ. Матробиён, **Н.З. Парвоева** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, № 7. – С. 27- 32.
**[5-М].** Мамадназаров, А., **Парвоева, Н.З.** Вижагиҳои миллию фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ бо унсурҳои зоонимӣ дар муқоиса бо забони англисӣ [Матн] / А. Мамдназаров., Н.З. Парвоева // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2022. - № 2 (46). – С. 12-18.

**В) Мақолаҳое, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

**[6-М].** Парвоева, Н.З. Структурно-грамматические лексические особенности пословиц и поговорок ваханского и английского народов [Матн] / Н.З. Парвоева // Паёми Донишкадаи забонҳо, №3 (23). Душанбе, – 2016. – С. 61- 65.
**[7-М].** Парвоева, Н.З. Лексико-семантическое пословицы и поговорки в ваханском и английском языках [Текст] / Н.З. Парвоева // Материалы международный научно-практической конференции «Русский язык в современных реалиях» посвященной году Туризма и народных ремесел. – Душанбе, 2018. С. 49-55.
**[8-М].** Парвоева, Н.З. Нақши зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун инъикоскунандаи фаъолияти якҷояи одамон [Матн] / Н.З. Парвоева // Накши тарҷума дар ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва фарҳангии ҷомеа // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон 25-уми январи соли 2018». – Душанбе, 2018. С. 99-105.
**[9-М].** Parvoeva, N.Z. Wakhi proverbs and sayings and their equivalents [Text] / N.Z. Parvoeva // Материалы XV международной научно-практической конференции молодых учёных и студентов, посвящённой «Годам развития села, туризма и народных ремесел (2019-2021)». Сборник тезисов. – Душанбе, 2020. С. 622.
**[10-М].** Парвоева, Н.З. Ифодаи эҳсоси тарсу ваҳм дар зарбулмасалҳои вахониву англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Омодасозии кадрҳо бо ҳадафи рушди устувори сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2020. С. 376-378.
**[11-М].** Парвоева, Н.З. Акси муносибатҳои оилавию хешутаборӣ дар зарбулмасалу мақолҳои вахониву англисӣ [Матн] / Н.З. Парвоева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 30-солагии ДССХ ва рӯзи байналмилалии забони модарӣ (19-уми феврали соли 2021). – Душанбе, 2021. С. 231-235.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот хулосабандӣ гардидаанд. Диссертатсияи Парвоева Нурҷаҳон Зармастовна дар мавзуи «Хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии зарбулмасалу мақолҳои забони вахонӣ дар муқоиса бо забони англисӣ» (татаҳқиқоти забоншиносии фарҳангӣ

ва қавмӣ) ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса, дар ҷаласаи васеи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:** "тарафдор" – 10 нафар, "муқобил" - 0 нафар, "бетараф" - 0 нафар, протокол № 4 аз 20-уми ноябри соли 2021.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷума,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Котиби ҷаласа:** Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова ва О.А. Ҳамроев-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ
ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

**Нишонӣ:** 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000
Факс: +992 372325003
Сомона: www.ddzt.tj